Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 мебарояд

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

РӮЗНОМАИ КЕНГАШИ ОЛИЙ МАҶЛИС ВА ДЕВОНИ ВАЗИРОНИ ҶУМҲУРИЯТИ ӮЗБЕКИСТОН

2 июли соли 2003. Чоршанбе № 49 (12892)

Дар фурӯш нархи озод. Рӯзнома соати 16.55 имзо гардид.

## Ба ғаллакорони вилояти Сурхондарё

Дӯстони азиз!

Шуморо, ки дар мамлакат аввалин шуда ӯҳдадории шартномавии ғаллатайёркуниро бомуваффақият иҷро карда, ба давлат зиёда аз 230 ҳазор тонна ғаллаи сара супурдаед, аз самими қалб муборакбод менамоям.

Дар комёб шудан ба ин ғалаба таҷрибаи бои меҳнаткашони воҳаи Сурхон, фазилатҳои неки муносибатҳои нав ба замин — манбаи ризқу рӯзиамон, меҳнат, ғайратмандӣ, сайъи ҳамешагӣ ба навгониҳо бешубҳа омили муҳим гардид.

Дар шароити номусоиди обу ҳавои имсола шумо ба тамоми инҷиқиҳои табиат — боронҳои пай дар пай, хусусан селу жола муқобилат нишон дода, зироати хӯшадорро дар сатҳи баланди агротехникӣ парвариш карданатон, даравро муташаккилона гузаронда, аз ҳар гектар 43 сентнерӣ ғалла рӯёнданатон ин ҳақиқатро равшан исбот мекунад.

Ҳамаи мо аминем, ки шумо сурхондарёиён, чун мардони фидокор, ҳалолу ба қавлашон содиқ бо ҷидду ҷаҳд меҳнат карда, ба оянда бо умеду боварии калон назар меафканед ва дар дигар соҳаҳо ҳам ба марраи мурод расида метавонед.

Аз фурсат истифода бурда, ман бори дигар деҳқонону фермерон, аъзоёни хоҷагиҳои ширкатӣ, механизаторон ва мутахассисон, хуллас, тамоми онҳоеро, ки ба ин хирмани бузург ҳиссаи худро гузоштаанд, бо ғалабаи меҳнатии имрӯзаашон муборакбод менамоям.

Ба шумо, азизонам, тани сиҳат, дар кори наҷибатон бахри беҳбудии халқамон комёбиҳои нав ба нав, ба хонадонатон сулҳу осоиш ва файзу барака таманно дорам.

Бигузор ба кори наҷибатон ҳамеша омад ёр бод, ба шумо хушбахтӣ металабам, азизонам!

**Ислом КАРИМОВ,**
**Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон.**

## Пазирой дар қароргоҳи Оқсарой



Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримов 28 июн дар қароргоҳи Оқсарой вазири дифои Фаронса Мишель Аллио--Мариро пазируфт.

Дар мулоқот сарвари мамлакатамон аз муттасил ривоҷ ёфтани муносибатҳои тарафайни байни ду мамлакат қаноатмандӣ изҳор намуд.

— Мо ба равобитамон бо Фаронса, ки дар Осиёи Марказӣ манфиатҳои худро дорад, баҳои баланд медиҳем,— гуфт Ислом Каримов.

Ҷониби Фаронса ҳам ба ҳамкорӣ бо Ӯзбекистон эътибори ҷиддӣ медиҳад. Вай ба мамлакатамон дар нигоҳ доштани амният ва устуворӣ дар Осиёи Марказӣ ба сифати давлати фавқулоддаи муҳим нигоҳ мекунад.

Фаронса аъзои НАТО шуда, иштирокчии фаъоли амалиётҳои зиддитеррористии Афғонистон гардид. Дар саммити алянси Шимолӣ, ки соли гузашта дар Прага гузашт, дар бораи пурзӯр гардондани эътибори ин ташкилот ба мамолики минтақаи мо аҳду паймон шуда буд. Мақсади сафари вазири дифои Фаронса мубодилаи афкор оид ба масъалаҳои ҳамкории дуҷонибаи ҳарбию техникӣ ва муносибатҳои байни НАТО ва Ӯзбекистон буд.

Дар мулоқот ба ғайр аз ин масъалаҳо, инчунин муаммоҳои амнияти минтақавӣ ва барқароркунии Афғонистон баррасӣ шуданд.

**(ӮзА).**

## Ғами зимистонро тобистон бояд хӯрд

***Дар Девони Вазирон маҷлиси комиссияи ҷумҳурии тайёрии соҳаҳои иқтисодиёт ба корҳои тирамоҳию зимистонии солҳои 2003-2004 баргузор гардид. Дар он роҳбарони вазоратҳо, кумитаҳо, ширкатҳо, идораҳо ва муассисаҳои мутасаддӣ, муовинони аввали ҳокимони вилоятҳо ва шаҳри Тошканд, раиси Шӯрои Вазирони Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон—раисони комиссияҳои ҳудудӣ ширкат доштанд.***

***Маҷлисро муовини аввали Нахуствазир К.Тӯлаганов бурд.***

Дар маҷлис ҷараёни иҷрои қарори Девони Вазирон аз 17 июни соли ҷорӣ дар бораи омодагии соҳаҳои иқтисодиёти ҷумҳурӣ ба корҳои тирамоҳию зимистонии мавсими солҳои 2003-2004 ва ҳамчунин масъалаҳои ислоҳи хатоҳои роҳдодашуда муҳокима гардиданд. Роҳбарони идораҳои дахлдор ва ташкилотҳо, инчунин раисони комиссияҳои ҳудудӣ дар бораи корҳое, ки дар ин самт дар корхонаҳои тавлидотӣ, муассисаҳо, маҳалҳои сукунати аҳолӣ бурда мешавад, иттилоъ расонданд.

Дар маҷлис таъмини муттасили кори соҳаҳо махсусан таъкид гардид, ки дар корхонаҳои тавлидотӣ, идораҳо ва муассисаҳо ба ин муносибат тадбирҳои калонмиқёс ба амал ҷорӣ карда мешавад. Аз ҷумла, ба зарур будани таъмири босифати нирӯгоҳҳои барқӣ, шабакаҳои нақлӣ, марказгармиҳо, ки дар давраи тирамоҳу зимистон бо иқтидори пурра кор мекунанд ва ҳамчунин лӯлаҳои газ ва об диққат ҷалб карда шуд.

Ёдовар бояд шуд, ки дар рӯзҳои қаҳратуни зимистони гузашта дар баъзе ноҳияҳо ва хоҷагиҳо қатъ гардидани таъмини газ ва барқ ба назар расида буд. Аз ин рӯ барои таъмини муттасили муассисаҳои томактабӣ, мактабҳо, литсейҳои академӣ, коллеҷҳои касбӣ, бемористонҳо ва биноҳои иқоматӣ дар давраи тирамоҳу зимистони соли нав бо гармии барқ тақозо карда мешавад, ки газ, сӯзишворӣ, захираҳои барқ ба миқдори кофӣ захира карда шуда, то ҳадди имкон онҳо сарфа гарданд. Бо ин мақсад насби таҷҳизоте, ки харҷи газ, гармӣ ва оби хунукро дар корхонаҳои истеҳсолӣ ва маҳалҳои зисти аҳолӣ чен мекунад, бояд тезонд.

Тибқи пешгӯии мутахассисон зимистони оянда хунук хоҳад омад. Пас маълум мегардад, ки роҳ надодани камбудӣ ва хатоҳои соли гузашта, иҷрои саривақтӣ ва босифати тайёрии соҳаҳои мазкур барои зимистон вазифаи асосии ҳар як роҳбари ташкилотҳои мутасаддӣ мебошад.

Аз рӯи масъалаҳои баррасигардида қарорҳои дахлдор қабул гардид.

**Олим НОРБОЕВ,**
**хабарнигори ӮзА.**

### Фармони Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

## Дар бораи тадбирҳои батартибоварии низоми андозситонӣ дар соҳаи савдо ва хӯроки умумӣ

Ба мақсади боз ҳам соддатар кардан ва ба тартиб овардани низоми андозситонӣ аз шахсони ҳуқуқие, ки дар соҳаи савдо ва хӯроки умумӣ банданд, рағбатноксозии муомилоти мол ва таъмини пурра ба буҷа ҷамъ шудани андозҳо:

1. Аз 1 июли соли 2003 барои корхонаҳои (аз он ҷумла корхонаҳои хурд ва микрофирмаҳо) савдои яклухту чакана, хӯроки умумӣ андози даромади умумӣ ҷорӣ карда шавад.

Дар корхонаҳои мазкур истифода бурдан аз мошинҳои назоратию кассагӣ ва риоя намудан ба қоидаҳое, ки дар инкассатсия кардани пули нақди аз фурӯши молҳо ва хизматрасонӣ мегирифта муқаррар шудаанд, шарти ҳатмии гузариш ба додани андози даромади умумӣ ба ҳисоб меравад.

2. Муайян карда шавад, ки ставкаи андози даромади умумӣ ба корхонаҳои савдои яклухту чакана ва хӯроки умумӣ аз ҷониби Девони Вазирони Ҷумҳурияти Ӯзбекистон бо назардошти ихтисос, ҷойгиршавӣ ва дигар шартҳои ба худ хос дар тарзи табақабандӣ муқаррар карда мешавад.

3. Муқаррар карда шавад, ки андози даромади умумӣ:

аз ҷониби корхонаҳои савдои яклухту чакана, хӯроки умумӣ бар ивази андози ягона аз пули фурӯши умумӣ;

аз ҷониби корхонаҳои хурд ва микрофирмаҳо дар соҳаи савдои чакана бар ивази андози ягона ба даромади муваққатӣ пардохта мешавад;

муайян карда шавад, ки корхонаҳои (аз он ҷумла корхонаҳои хурд ва микрофирмаҳо) савдои яклухту чакана ва хӯроки умумӣ баробари додани андози даромади умумӣ, инчунин ба тартиби ба умуммуайяншуда андози молу мулкро мепардозанд.

4. Ба корхонаҳои савдои яклухту чакана иҷозат дода шавад, ки тавассути мағозаҳои худии фирмагӣ ба пули нақд савдои яклухту хурду чаканаро бо шарти истифодаи ҳатмии мошинҳои назоратию кассавӣ ва ба тартиби муқарраршуда инкассатсияи пули нақди фурӯшро ба амал баророанд.

5. Банди 1 ва 2 Фармони Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон аз 20 маи соли 2002 рақами УП-3076 «Дар бораи боз ҳам такмил додани низоми андозситонӣ дар соҳаи савдо ва хӯроки умумӣ» беэътибор дониста шавад.

6. Вазорати адлияи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон якҷоя бо Вазорати молия ва Кумитаи давлатии андози Ҷумҳурияти Ӯзбекистон дар мӯҳлати як моҳ:

ба Девони Вазирони Ҷумҳурияти Ӯзбекистон дар бораи ба қонунгузории дар амалбуда даровардани тағйироту иловаҳое, ки аз Фармони мазкур бармеоянд, таклифот тақдим созад;

ҳуҷҷатҳои меъёрии идоравиро ба Фармони мазкур мувофиқ гардонанд.

7. Ба Девони Вазирони Ҷумҳурияти Ӯзбекистон супурда шавад, ки дар мӯҳлати як ҳафта аз рӯи иҷрои Фармони мазкур қарор қабул намояд.

**Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон**
**И.КАРИМОВ.**

ш.Тошканд,
30 июни соли 2003.

## Қуллаи комёбиҳо фатҳ гашт

***Чун ҳарсола кишоварзони вилояти Сурхондарё имсол низ иҷрои супоришоти ба давлат супурдани ғалларо аввалин шуда иҷро карданд. Ба ин муносибат паёмнигори мо бо муовини аввали сарраёсати кишоварзӣ ва хоҷагии оби вилоят Шамсиддин Орифов мусоҳиб гашт.***

**— Шамсиддин ака! Аввалан шумо ва дар симои шумо тамоми кишоварзони вилоятро ба ин ғалабаи муҳим табрику муборакбод менамоем!**

— Ташаккур. Мардуми мо беҳуда нагуфтааст, ки: «Ба ҳар коре ки ҳиммат баста гардад, агар хоре бувад гулдаста, гардад». Ин ҳикмат маънии чуқур дошта, заҳмати имсолаи кишоварзонро дар парвариши ғалла ифода намудааст, гӯем сахв нахоҳад шуд.

Тирамоҳу зимистон ва баҳори имсоларо шумо чӣ хел баҳо медиҳед, ихтиёратон, вале барои мо — кишоварзон яке аз солҳои душвортарин ба ҳисоб меравад. Аз оғози кишт ва то охири пухта расидани ғалла кишоварзон бо садҳо инҷиқиву душвориҳои табиат рӯ ба рӯ гаштанд, вале ба ҳамаи ин мушкилиҳо тоқат карданд. Ҳоло рӯяшон сурх, анборашон пур аз ғалла, кайфияташон баланд, ба марра яке аз аввалинҳо шуда расиданд. Имсол кишоварзони вилоят ӯҳдадор шуда буданд, ки 248 ҳазору 800 тонна ғалла ба даст оваранд, аз ҳамин ҳисоб 17 ҳазору 500 тоннааш барои дон нигоҳ дошта мешавад.

Ҳамин тариқ кишоварзони вилоят 375 ҳазору 500 тонна дони хушсифат тайёр намуда, ҳосилнокиро ба ҷои 41 сентнерӣ ба 45 сентнерӣ расонданд. Қобили қайд аст, ки дар ноҳияҳои Сариосиё, Деҳнав ва Қизириқ ғаллакорон ҳосилнокиро ба 65-70 сентнерӣ расонданд, ки ин комёбиҳо қобили аҳсану офарин мебошад.

Ба марра аввалин шуда хоҷагиҳои ширкатии Ҳ.Олимҷонов, ноҳияи Ҷарқӯрғон А.Набиев ноҳияи Музработ, «Каттақум»-и ноҳияи Тирмиз расиданд.

Чуноне ки дар боло ишора кардем, ноҳияҳои Сариосиё ва Деҳнав ҳар сол аз ғалла ҳосили хуб ба даст оварда, ҳосилнокиро дар ҷумҳурӣ ба 70-75 сентнерӣ мерасонанд.

Масалан, иҷоракори ширкати Охунбобоеви ноҳияи Сариосиё Олов Сангинов, Хӯҷа Ҷӯраев аз ҳар гектар ғалла 110-100 сентнерӣ ҳосил ба даст оварданд, ки ин дар миқёси ҷумҳурӣ нишондиҳандаи баланд мебошад.

**—Шамсиддин Орифович, ба фикри шумо ҳамчун мутахассиси кишоварзӣ дар иқлими вилояти Сурхондарё аз кадом навъи гандум ҳосили баланд ба даст овардан мумкин?**

— Мо пеш аз коштани ғалла дар моҳи октябр семинари машваратии кишоварзони вилоятро баргузор намудем. Дар он олимон, деҳқонони ботаҷриба, роҳбарони чашмикордон даъват шуда буданд. Дар машварат ҳама озод фикру андешаҳои хешро баён карданд. Ҳамин тариқ, мо дар майдони 45 ҳазор гандуми навҳои «Крошка», 15 ҳазор гектар навъи «Киняжин», 25 ҳазор гектар «Половчанка» коштем. Худоро сад шукр ки аз он ҳосили дилхоҳ ба даст овардем.

**— Чаро кишоварзони қисми шимолӣ ба монанди ноҳияи Деҳнав, Олтинсой, Сариосиё ҳар сол аз ғалла ҳосили баланд ба даст меоранд. Сабаби ин комёбиҳо дар чист?**

— Бояд қайд кард, ки дар ин минтақа заминҳои кишт тахту ҳамвор буда, ба ягон ваҷаби он шӯразор ва дигар офатҳои табиӣ тасъир накардааст. Сониян, оби ин манотиқ софу зулол аст. Охиран, деҳқонони ин минтақаҳо аввалин шуда киштро анҷом медиҳанд ва аз поруҳои маҳаллӣ самаранок истифода мебаранд. Бо қоидаҳои агротехникӣ сахт риоя мекунанд.

**— Ҳиссаи хоҷагиҳои фермерӣ дар ин комёбиҳо чӣ гуна аст?**

— Хоҷагиҳои фермерӣ дар вилояти мо ҳар сол натиҷаҳои хуби меҳнатӣ ба даст меоранд. Умуман, ба андешаи ман тамоми хоҷагиҳоро ба хоҷагиҳои фермерӣ табдил бояд дод. Хоҷагиҳои фермерии «Нурманбобо», «Равшан» аз ноҳияи Қизириқ, «Ҳазорбой», «Ҳайдар Баратов, «Дӯлонхона», «Бердимурод бобо», «Зевор» аз Дарбанд аз ноҳияи Бандихон, «Омад», «Шерзод» аз ноҳияи Музработ аз ҳар гектар 45-48 сентнерӣ ҳосил ба даст оварданд. Бояд дар охир қайд кунам, ки онҳое ки супоришоти шартномавиро иҷро мекунанд, ғаллаи изофааш ба деҳқонон дода мешавад.

**Нуралии РАҶАБ,**
**паёмнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Сурхондарё.**

## Ғалла — 2003



Шумо дар ин сурат узви фаъоли хоҷагии ширкати ба номи Берунии ноҳияи Зафарободро дар байни ғаллазори серҳосил мебинед.

Хоҷагӣ порсол аз ғалладона ҳосили хуб ба даст оварда буд. Хӯшаҳои пурбори ғаллазор аз ҳосили фаровон шаҳодат медиҳанд. Алҳол дар майдони ғаллаи ин хоҷагӣ дарав бо суръат идома дорад. «Кейс» —ҳо, ки ҳамарӯза 10—15 гектар ғалла медараванд, ба талафёбии ҳосил роҳ намедиҳанд.

**Суратгир: Р. АКБАРАЛИЕВ**

## Дар Олий Маҷлис

***Маҷлиси муштараки Комиссияи Олий Маҷлис оид ба масъалаҳои оила ва зан ва Кумитаи Олий Маҷлис оид ба корҳои байналмилалӣ ва алоқаҳои байнипарлумонӣ барпо шуд.***

Дар маҷлис, ки онро раиси Комиссияи масъалаҳои оила ва зан Ш.Салимова бурд, ба ҷараёни иҷрои Конвенсияи байналмилалии ҳуқуқи кӯдакон ва конвенсияи 103-и байналмилалии ҳимояи модар дар вилояти Бухоро мавриди муҳокима қарор гирифт.

Дар маҷлис таъкид гардид, ки дар вилоят дар бобати таъмини иҷрои конвенсияҳои зикршуда корҳои маълум ба амал ҷорӣ гардидааст. Аз ҷумла, барномаи тадбирҳои таълими онҳо дар мактабҳои миёна, муассисаҳои беруназмактабӣ ва маҳаллаҳо, ташвиқ ва тарғиби васеъ дар байни аҳолӣ таҳия гардидааст. Ба дастгирии бачаҳои соҳибистеъдод аҳамияти махсус дода мешавад.

Дар айни ҳол дар маҷлис ба ислоҳи камбудиҳое, ки дар ин бобат роҳ дода шудаанд, эътибор дода шуд.

**(ӮзА).**

## Муаррифсозӣ

**Тошканд (Мухбири ӮзА Нодирбек Ӯлҷабоев).** Дар маркази мадании ҳинд дар пойтахти ватанамон муаррифсозии филми ҳуҷҷатии «Ӯзбекистон дар ҳамоҳангӣ бо давр», ки аз тарафи киноҳуҷҷатчиёни Ҳиндустон ба навор гирифта шудааст, ба амал омад.

Филм дар бораи таърихи мамлакатамон, ки дар маркази роҳи бузурги абрешим ҷойгир аст, нақл мекунад. Алоқаҳои бисёрасринаи халқҳои ӯзбеку ҳинд, муваффақиятҳои солҳои истиқлолият ба даст овардаи Ӯзбекистон низ дар филм инъикос ёфтаанд.

Дар тадбири номбурда ба сухан баромадагон таъкид карданд, ки филм боз як шаҳодати дурахшони алоқаҳои дӯстонаи торафт инкишофёфтаистода ва ҳамкории байни Ӯзбекистону Ҳиндустон мебошад.

Дар муаррифсозӣ вазири оиди корҳои маданӣ Б.Қурбонов, сафири фавқулодда ва мухтори Ҳиндустон дар мамлакатамон Ш.Сабхарвал ҳузур доштанд.

## Фурсат ғанимат аст

***Дар бошишгоҳи саҳроии хоҷагии ба номи Усмон Носири ноҳияи Оқолтин ҷамъомади фаъолони вилояти Сирдарё ба амал омад. Дар он ҷамъбасти натиҷаҳои санҷиши ҳолати корҳо дар соҳаи кишоварзӣ, ки аз тарафи комиссияи Вазорати кишоварзӣ ва хоҷагии оби ҷумҳурият гузаронда шуда буд, муҳокима гардид. Дар ҷамъомад ҳокимони ноҳияҳо, роҳбарони муассисаҳо ва иттиҳодияҳои дахлдор, хоҷагиҳои деҳқонию фермерӣ ва ширкатӣ, мутахассисони вазоратҳо ва ташкилотҳо иштирок карданд.***

Ҷамъомадро мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон И. Ҷӯрабеков гузаронд.

Дар бораи ҳолати пахтазори вилоят ҷонишини аввали вазири кишоварзӣ ва хоҷагии об М.Юсуфов маълумот дод. Таъкид гардид, ки дар киштзор барои нашъунамои мӯътадили ниҳолҳо шароити мусоид фароҳам оварда шудааст. Вале ба ин нигоҳ накарда киштзор дар нашъунамо қафо мемонад. Сабаби асосии он ба таври бояду шояд нарм карда нашудани байни қаторҳо, кофӣ набудани озуқонидани ниҳолҳо мебошад. Дар ин бора борҳо гуфта шуда бошад ҳам, сирдарёгиён ба ин ба таври бояду шояд эътибор надоданд.

Мутахассисони пойтахтӣ борҳо бо ҷиҳози зарурӣ пурра таъмин набудани култиваторҳоро таъкид карда бошанд ҳам, дар ин ҷо ба он эътибори зарурӣ надоданд. Техникаи зарурӣ бо таҷҳизот буду шуд нисфӣ таъмин гардидааст ту халос. Дар хоҷагиҳои «Пахтаобод», ба номи Шароф Рашидов, ба номи Укубоеви ноҳияи Оқолтин ва дар бисёр дигар хоҷагиҳо чеканкакунии ниҳолҳо кашол меёбад. Таъкид гардид, ки деҳқонони вилоят барои рӯёндани ҳосили баланд бояд тамоми чораю тадбирҳоро андешанд. Аъзоёни комиссия инчунин аз рӯи дараи ғалла низ маслиҳатҳои муфид доданд.

Дар ҷамъомад ҳокими вилояти Сирдарё Р.Ҳайдаров баромад кард.

## Маҷлиси комиссия

***Дар Прокуратураи генералии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон маҷлиси навбатии комиссияи кор бо ноболиғони назди Девони Вазирон ба вуқӯъ пайваст.***

Дар ҷамъомад масъалаҳои вазъияти ин корҳо дар Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, вилоятҳои Бухоро ва Хоразм дар бобати дастгирии бачаҳои соҳибистеъдод, огоҳии қонуншиканӣ ва ҷинояткорӣ дар байни ноболиғон муҳокима гардиданд.

Таъкид гардид, ки дар минтақаҳои мазкур корҳои муайян татбиқ мегарданд. Аз ҷумла, дар деҳаҳои Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон дар самти инкишофи варзиш дар байни ноболиғон ва беҳтар намудани пояи моддию техникии мактабҳои варзишӣ ҷоннокшавӣ ба назар мерасад.

Ҳокимияти вилояти Бухоро бошад, тадбирҳои моҳонаро бо номи «Рӯзи мактаб» ба роҳ гузошт. Чунин тадбирҳои доимӣ натиҷаҳои хуби худро медиҳад.

Дар вилояти Хоразм барои варзиши ҷавонон тамоми шароит ба вуҷуд оварда шудааст. Ба қарибӣ дар ин ҷо мусобиқаи варзишии «Умид ниҳоллари», ки мутобиқ бо андозаҳои байналмилалӣ дар сатҳи баланд баргузор шуд, далели ин, аст, барпо шуд.

Дар шаҳри Урганҷ Садорати маорифи халқ якҷоя бо китобхонаи илмии вилоят барои хонандагон имконияти ройгон истифода намуданро аз шабакаи Интернет пешниҳод намуданд.

Дар баробари ҳамаи ин ба камбудиҳое, ки дар иртибот бо дастгирии ҷавонони соҳибистеъдод, огоҳии қонуншиканӣ ва ҷинояткорӣ дар байни ноболиғон, татбиқи тадбирҳои қонунӣ зидди онҳое, ки ҷавононро ба фаъолияти зидди иҷтимоӣ ҷалб менамоянд, роҳ дода шудаанд, диққати махсус дода шуд.

**Беҳзод НОРБОЕВ,**
**мухбири ӮзА.**

# Бидуни хотираи таърихӣ, оянда намешавад

Маълум аст, ки дувоздаҳ сол барои таърих ин як лаҳза мебошад. Ва он фақат лаҳзаест аз торихи халқ, торихи мамлакат. Вале дар давлати ҷавони мо дар ин мўҳлати на чандон калони таърихӣ корҳои бисёре ба иҷро расиданд, ки мўҳтавояшон ба садсолаҳо баробаранд. Дастоварди асоситарин дар тўли ин дувоздаҳ сол ҳамин мебошад, ки афкору шуури мардумамон дигаргунии қатъӣ пайдо намуд. Мардуми мо, аз ҳафтсола то ҳафтодсола, балки бузургтар аз онҳо эҳсос намудаанд, ки истиқлолият чӣ неъмати бузургест. Дар онҳо нисбати рўзгори нурафшони оянда, ҳисси эътимод ва боварӣ қавитар гардидааст. Дар айни замон, мардумамон хуб дарк кардааст, ки бидуни хотираи таърихӣ оянда намешавад. Аз ин рў дар бобати эҳёи саҳифаҳои дурахшони таърихи бузургу дуру дарозамон ҳам корҳои муайяне карда мешаванд, ки онро фаъолияти кормандо-



ни Осорхонаи давлатии таърихи Ўзбекистон низ собит месозад.

Маълум аст, ки сарвари давлатамон Ислом Каримов 19 феврали соли кунун дар Осорхонаи давлатии таърихи Ўзбекистон меҳмон гардида, бо фаъолияти ягона муассисаи калони илмиву тадқиқотӣ, фарҳангиву маърифатии мамлакатамон ошно гардиданд. Фикру мулоҳизаҳои хешро оид ба ороиш додани толорҳо, ҷойгир сохтани нигораҳо баён сохтанд. Сарвари давлатамон махсусан зикр намуданд: ҳуҷҷатҳо ва нигораҳои осорхона бояд на танҳо ба мутахассисон, балки ба тамоми аҳли ҷамъият шавқовару сермазмун бошанд, барои тадқиқотҳои минбаъда ва эътирофи аҳли ҷамъияти ҷаҳон мусоидат кунанд.

Имрўзҳо нигораҳои осорхона мувофиқи таклифу мулоҳизаҳои сарвари давлатамон аз нав ҷойгир карда шуда, боз ҳам ғанитар гардиданд. Ва он пеш аз ҳама барои пурзўр гардондани таъсирнокии нигораҳо, таъмини бардавомияти воқеаву ҳодисаҳои рухдода, ба ҳам узван вобаста кардани он нигоронда шудаанд. Яъне кормандони осорхона боз як маротиба исбот карданд, ки ибтидои ҳар як кори нек пеш аз ҳама орзуву нияти хуб асту он агар аз оғоз нек бошад, ҳатман ҷомаи амал мепўшад. Ниёконамон пасовандони худро танҳо бо суханони нек, амалҳои хайр ва орзуву ниятҳои хуб ба камол расондаанд ва ин суннати қадимаро авлоди кунуни миннатдор бо руҳбаландӣ идома медиҳад. Аз ҳама муҳимаш, баробари пешрафти муайян дар соҳаи иқтисодиёт, дар бобати эҳёи анъанот, урфу одат, суннатҳо ва фарҳанги қадимаи хеш гомҳои устуворона мегузорад. Ва хуб медонад, ки истиқлол комёбии аз ҳама бузурги халқамон дар охири садаи XX мебошаду дар бобати ба саросари ҷаҳон ошно сохтани халқи Ўзбекистон, қадру қимат ва боз ҳам ҳам баланд бардоштани обрўву эътибори он аҳамияти бекиёсро молик мебошад. Дар айни замон истиқлол имконияти калони таърихӣ дар бобати муайян кардани тақдири худу кишвари хеш мебошад. Маҳз ба туфайли истиқлол решаҳои таърихиамон, алалхусус таърихи ҳақиқиамон, боз аниқтар карда гўем, таърихи дар замони салтанати пештара таҳқиру таҳрифгардидаамон аниқ гаштанд. Дар асоси консепсияи муайян ба он муваффақ гардидем, ки ҳамаи воқеаҳову ҳодисаҳои таърихӣ, шахсони номдору мутааллиқи кишвари маҳбуб аз қалби на танҳо халқи худамон, балки аз дили бисёр хориҷиён ҳам мустаҳкам ҷо пайдо кунаду тасаввуроти онҳо дар бобати чӣ гуна халқ будани мо боз ҳам ғанӣ гардад.

Ин таъриху фарҳанги қадимаамон аз нигораҳои сершумори осорхонаҳо ҷо пайдо карданд. Онҳоро алҳол дар Осорхонаи ҳафриёти Тирмизшаҳр, Осорхонаи давлатии таърихи Темуриён, Осорхонаи хотираи қурбониёни қатағони Тошканд, маркази маънавиёти Гулистон, Осорхонаи давлатии таърихи фарҳанги Самарқанд, Мамнўъгоҳи давлатии Бухоро, осорхонаи бостоншиносии Фарғона, гузарондани ҷашнҳои 2500-2700-солагии шаҳрҳои қадимаамон Бухоро, Самарқанд, Хева, Тирмиз, Шаҳрисабз, 2700-солагии китоби «Авасто», 660-солагии Амир Темури бузург ва бисёр дигар алломаву мутафаккирон дидан ва мушоҳида кардан мумкин аст. Ва дар ин масканҳо ҳиссаи халқи Ўзбекистон, аз он ҷумла халқҳои Шарқ ба тамаддуни ҷаҳонӣ бо далелҳои дақиқ нишон дода шудаанду ҳар як сокини Ўзбекистонро водор месозад, ки аз онҳо фахру ғурур намоянду то чӣ андоза неъмати бузург будани истиқлолиятро дарк кунанд ва ба шарофати истиқлол аз нав зинда шудани таърихи ҳақиқии халқу мамлакати хешро пурра дониста гиранд.

Нигораҳои осорхонаро тамошо кунед, пеш аз ҳама ба обидаҳои нодир, ашё ва ҳуҷҷатҳои таърихие ру ба ру мегардед, ки тараққиёту таърихи фарҳангро холисона намоиш медиҳанду ба асосҳои илмӣ такя намудаанд. Чунки ҳамагон хуб медонем, ки таърихро бо таъбире мураббии бузург ҳам мегуянду дар замири он маънои зиёде ниҳон мебошад. Чунки таърих ҳақиқати гузаштаро нақл мекунад.

Вале дар замони шўроҳо чун дар давраи мустамликадорӣ ба ин таърихи бисёр куҳан яктарафа муносибат карда шуду онро таҳрифкорона ба халқамон пешкаш карданд. Ба он ҳар гуна нишонҳои сунъиро часпонданд. Ва танҳо баъди аз тарафи Президентамон ба миён гузоштани ғояи «Бидуни хотираи таърихӣ, оянда намешавад» дар соҳаи мазкур низ дигаргуниҳои куллӣ рух дода, барои пешкаш кардани таърихи асл, бе рангу бор нишон додани он кўшиданд. Бо назардошти ана ҳамин талаб дар қатори дигар осорхонаҳо нигораҳои Осорхонаи давлатии таърихи халқи Ўзбекистон ҳам бою ғанӣ гардонда шуд. Алҳол аз он халқамон, пасовандонамон баҳра мебардоранд.

Агар нигораҳои Осорхонаи мазкурро муоина кунед, пеш аз ҳама ҳис менамоед, ки дар тамоми ҳудудҳои мамлакати паҳноямон тараққиёти фарҳангиву маърифатӣ ва иҷтимоиву иқтисодӣ рух додаанд, давлатдории миллӣ такомул пайдо карда, марҳалаҳои эволютсионии он дар асоси илмӣ исбот шудаанд. Ва он дар хусусиятҳои зерини нигораҳо акси худро пайдо кардаанд. Дар осорхона нигораҳое ҷойгир шудаанд, ки танҳо аз ҳудуди мамлакати худамон пайдо шудаанду аз асри санг то кунунро бозгў мекунанд. Баъдан, нигораҳо мувофиқи рушду тараққиёт мантиқан, ба марҳалаҳо тақсим карда ҷойгир гаштаанд. Сеюм, исбот карда шудааст, ки мамлакати мо дар боба-




ти рушду тараққиёти илму фарҳанги ҷаҳонӣ саҳми бекиёси худро гузоштааст. Чорум, аз хусуси давлатдории миллӣ дар ҳудудҳои мухталиф ва мутассил инкишоф ёфтани он маълумотҳои гаронбаҳо маҳфузанд.

Агар тамошогар ба ҳар як нигора, ки аз ашёу ҳуҷҷатҳо иборат асту бо диди баланд ҷойгир гаштаанд, назар афканад, пеш аз ҳама то чӣ андоза аз қадим то ҳол ҳунарманду маърифатпарвар будани халқамон, решаи аз ҳама амиқи таърихиро молик будани ўро ба зудӣ пай мебарад. Ана, ба ашёҳое, ки аз ғори Селунгури Фарғона ёфт шудаанд, дида дўзед. Онҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки аз ин якуним миллион сол муқаддам дар ҷануби Фарғона одамони ибтидоӣ ҳаёт ба сар бурдаанд. Асбобҳои зиндагонии онҳо ба ашёҳое шабеҳӣ до-



ранд, ки ба маскани одамони қадимӣ дар Африқо, Исроил, Чин мансуб дониста шудаанду то ҳол ҳамчун маскани пайдоиши аввалин одам дар Замин арзёбӣ гаштаанд. Ашёҳое, ки аз Чашмаи вилояти Фарғона, Тошсои вилояти Тошканд ёфт шудаанд, тахминҳоро дар бобати ба вуҷуд омадани инсоният дар қитъаи Африқо ба пуч баровlarданд. Ба суратҳое, ки дар сангҳо дар соҳили Зараутсои вилояти Сурхондарё кашида шудаанду нусхаи онҳо ҳамчун нигораи осорхона ба ҳукми тамошогарон пешкаш карда мешавад, аз он гувоҳӣ медиҳад, ки санъати тасвирӣ дар сарзаминамон аз ин 14-15 ҳазор сол муқаддам дар давраи асри санг ба вуҷуд омадааст.

Ё худ хумчае, ки бо амри тасодуф аз дашти Қизилқуми вилояти Навоӣ ёфт гардидааст, баъди муоина нишон дод, ки аз мо 7 ҳазор сол муқаддам бо дастони аҷдодонамон офарида шудааст.

Ёдгориҳое, ки мансуби давраи биринҷианду аз рўи тахминҳо 4-5 ҳазор сол муқаддам офарида шудаанд, аниқтараш тухми ғалла, арзан, санҷид, ангур аз Ҷаркўтону Сополитеппа, Молалитеппаи вилояти Сурхондарё, Далварзини вилояти Андиҷон ва Чусти вилояти Намангон аз ҳамин гувоҳӣ медиҳанд, ки аҷдодони мо бо деҳқонӣ машғул гардидаанд, маъданҳоро гудохта, барои худ силоҳи меҳнату шикорро офаридаанд.

Аз нигораҳои осорхона ҳуҷҷатҳо дар бораи давлатдорӣ, аз хусуси муборизаи халқамон ба муқобили аҷнабиён ҳам ҷой пайдо кардаанд. Аз он ҷумла аз хусуси истилои арабҳо низ маълумотҳои сершуморе пешкаш гардидаанд. Дар бораи саҳми аҷдодонамон ба рушди илму ирфон, аз он ҷумла аҳкоми дини мубини ислом ҳам ҳуҷҷатҳои нодире нақл мекунанд. Роҳи бузурги абрешим, ки як вақтҳо Шарқро бо Ғарб пайваста буду алҳол аз нав эҳё меёбад, низ мавриди нақли нигораҳои осорхона қарор дода шудааст. Баробари муоинаи нигораҳо аз таърихи ҳукмронии Амир Темур ва Темуриён, дигар ҳукмдорони сарзаминамон, муносибатҳои дипломатии кишвари мазкур бо дигар мамлакатҳои ҷаҳон, олимону шоирон ва мутафаккири бузург, аз қабили Мирзо Улуғбек, Алӣ Қушчӣ, Ғиёсиддин Ҷамшед, Абдураҳмони Ҷомӣ, Алишери Навоӣ, Мирзо Бобур ва муҳити илмиву адабие, ки дар ин сарзамин муҳайё гардидааст, бохабар мегардед. Давраи мустамликадории аҷнабиён ҳам дар гўшаи алоҳида аз ашёву ҳуҷҷатҳои сершумор иборат мебошад. Махсусан кас навиштаҷот—нотаи миллии мусиқиро муоина карда, ба маҳорату истеъдоди ниёконамон, аз он ҷумла Комили Хоразмӣ аҳсант мехонад. Охир, вай дар дунё ҳамтое надорад. Аз хусуси таърихи шоҳони давлатҳои Бохтар, Хоразм, Суғд, Кушон, сулолаи қораҳониён, хоразмшоҳиён ва ғайра низ маълумотҳои нодир ҷамъ оварда шудаанд.

Баробари ворид гардидан ба толори осорхона, ки Мустақиллик ном дорад, ба ҷашмонатон рамзҳои давлати мустақили Ўзбекистон-Байрақ, Суруди миллӣ ва Нишони давлатӣ, Конститутсия ва ғайра бармехўраду беихтиёр баробари муоина кардани онҳо, ки аз суратҳои рангаву сиёҳу сафед, фотоҳуҷҷатҳо, диаграммаҳо, тарҳҳо, салоҳияти иқтисодиву фарҳангӣ, илму фан, варзиш ва дигар соҳаҳо нақл мекунанд, худ ба худ савол медиҳед: Истиқлол ба кишварамон ва мардуми он чӣ дод? Меваҳои ширину шакарини он аз чиҳо иборатанд?

Бо шукрона онро ба забон мегиред: баъд аз соли 1991 ҳар як хонавода, ҳар як маҳалла, ҳар як деҳа, ҳар як ноҳияву шаҳр ва ҳар кадом вилоят ва ҳар як шаҳрванди кишвари мазкур, ҳар як инсони накў ният бо ғурури ифтихори хосса зиндагӣ дорад, меҳнат мекунад. Имрўз ягон кас маҷбур нест, ки барои тамаъ бо дигар забон ҳарф занад, ба расму оинҳои бегонагон тақлид намояд, суннатҳои дигаронро суннати худӣ шуморад. Аз он шодмонӣ мекунад, ки дар боғу хиёбонҳои худӣ беҳтару бештар аз дигарон шодмонӣ мекунад, меваҳои шакарин имрўз дастархонашро зебу оро медиҳад. Пахтааш бо дастони худ чидаву бо хости худ ба гўшаву канорҳои гуногуни олам фиристода мешавад. Қадри худро ёфт. Урфу одатҳо, анъанаҳо, фарҳанги хешро соҳибӣ кард. Номи садҳо ниёкони бузурги худро аз нав зинда кард. Агар мухтасар баён кунем, халқи мо дар тўли қариб дувоздаҳ соли тараққиёти мустақилонаи худ ҳам аз ҷиҳати маънавӣ ва ҳам аз ҷиҳати моддӣ ба комёбиҳое мушарраф гардид, ки ба асрҳо баробаранд. Ва он дар таъминиояндаи бузурги халқамон ҳамчун пойдевори мустаҳкам хизмат мерасонад.

**Э.ТУРДИҚУЛОВ.**

**Дар суратҳо:** намуди умумии осорхона. Нигораҳои осорхона.

**Аксбардорон: Владимир Портнов** ва **Нўъмон Муҳаммадҷонов.**

Ё шаҳри азим ё кўҳи баланд

# Давоми умр

**(Лавҳа)**

Талоби Валиғонд аҷоиб табиате дорад. Вай аз қадимулайём чарогоҳи чорвои сокинони деҳаҳои Валиғонд ва Исташон буд.

Солҳои баъдиҷангӣ рўзгори мардум пурмашаққат ва абгор буд. Барои як бурда нони ҷав зану мард, ҷавону пир чӣ азобу уқубатҳо мекашиданд.

Шамсимаҳмади ҳафтҳаштсола аз қафои падараш Ниёзмаҳмади чўпон дар Талоб моли мардумро мечаронд. Манзараҳои дилфиреби атроф ба шиками гуруснаю пои луч фароғате надошт. Ў мисли дигар чўпонҳо эшум (як навъ гиёҳи кўҳӣ)-ро ҷўшонида бо ҷурғоти шири бузӣ омехта, шикам мечаллонид.

Солҳо мегузаштанд. Мардуми кўҳистони Мастчоҳро барои обод намудани дашти Дилварзин муҳоҷир карданд.

Қисме аз сокинони деҳаҳои Истошон ва Валиғонд дар ибтидои солҳои 60-ум ба ноҳияи Бўкаи вилояти Тошканд омаданд. Онҳо деҳаи Навободро таъсис намуданд. Шамсимаҳмад ҳам бо оилааш дар байни онҳо буд. Мардуме, ки аз тангии рўзгор ва меҳнати душвори кўҳистон ба танг омадааст, дар замини ҳосилхезу неъматбори колхози «Съезди партия» (ҳоло хоҷагии ҷамоавии «Мустақил Ўзбекистон») аҷоиб корнамоиҳои меҳнатӣ нишон медод.

Баъди чанд муддат Шамсимаҳмадро барои меҳнатдўстиву кордонӣ сардори бригадаи пахтакорӣ интихоб намуданд. Барои ў саҳифаҳои нави ҳаёт оғоз ёфт. Роҳбарӣ хоҳ ба кулл бошад хоҳ ба ҷузъ ҳисси адолат, ростӣ, ботадбирӣ, фидоият, ба қадри меҳнати дигарон расидан ва ғамхорӣ карданро талаб мекунад. Ҳамаи ин дар Шамсимаҳмади сардор вуҷуд дошт ва мардум бо шавқу завқ кор мекард. Бригада чандин маротиба ҳам дар хоҷагӣ ва ҳам дар ноҳия дар қатори аввалинҳо реҷаҳои пешбинишударо ба ҷо оварда, ҳосилнокии баланди пахтаро таъмин кард. Бо ташаббусу кўшиши ў дар деҳаи Истошон оби тозаи нўшокӣ омад.

Замини бригадаи охироб дар мавсим аз об танқисӣ мекашид. Бо ташаббуси Шамсимаҳмад дар масофаи қариб 2 километр ду қатор қубур васл карданд. Баъди фатҳи заминҳои бекорхобидаи мавзеи Ўзбек-овул бригадае созмон ёфт. Ба он Шамсимаҳмади ботаҷрибаро сардор таъин намуданд. Бригадаи навташкил дар солҳои аввали фаъолият натиҷаҳои баланд ба даст овард.

Дар баробари ин барои аъзоёни бригада шароити хуби осоишӣ фароҳам овард. Бошишгоҳи саҳроӣ дар атрофи ҳавзи калон, дар байни дарахтони мевадор сохта шуд. Як тарафи он боғи дарахтони себ, шафтолу, зардолу, нок, биҳӣ ва олу буд. Аз ин аъзоёни бригада рўҳу қувват мегирифтанд.

Дар ибтидои солҳои 90-ум вазъият тағйир ёфт. Баъзеҳо мўҳтоҷӣ мекашиданд. Ба ҳамаи онҳо Шамсимаҳмад ғамхории падарона зоҳир мекард. Касе набуд, ки ба назди ў ояду ноком равад. Шамсимаҳмади дар ҷавонӣ гуруснагӣ, нодорӣ, мўҳтоҷӣ ва нотавониро дида наметавонист, ки бетараф ва бепарво бошад. Касеро бо маслиҳат, касеро бо қарз ва касеро бебозгашт ва беминнат ёрӣ медод...

Чӣ мегўед, ки баъди касалии начандон дароз дили ин марди ғамхору меҳрубон, халқдўсту фидоӣ ва инсони хоксор, ки саршори орзуҳову реҷаҳои зиёде буд, аз задан монд.

Чи хеле ки дар ҳаёт аст. Тавре ки мегўянд, ҳангоми ба дунё омадани тифл ў мегиряд, дигарон аз вай завқ мебаранд, шодмонӣ мекунанд. Вақте ки бузурге мефавтаду лабони беҷони ў ба ханда моил мегарданд, мардумро фиғону нолаҳо ба осмон дакка мезанад. Чунин буд рўзи видои Шамсимаҳмад.

**Зи ғусса пора гардид**
**синаи кўҳ,**
**«Шигифта дар фазои**
**ёдаш андўҳ».**

Марҳум аз худ оилаи тифоқу тарбияёфтае боқӣ гузошт. Писаронашон Саидмаҳмад—муаллим, Қурбонмаҳмад—фермер, Ниёзмаҳмад—бухгалтер, Тўйчибек—сардори бригада шуда ба манфиати халқу диёр чи хеле ки падари бузургворашон буд, хизмат мекунанд, кори нотамоми Шамсимаҳмадро давом медиҳанд. Гўё ҳаёти ў низ давоми нек ёфт.

Ҳа, аҷдодони мо аз замонҳои қадим ё шаҳри азим ва ё кўҳи баландро мепарастиданду дар оғўши ў макон мегирифтанд. Шамсимаҳмади шодравон дар қатори чанд тан аз ҳамдиёрони худ аз бағали кўҳи баланд, диёри чун номаш зебои Истошони Масчоҳи қадима роҳ ба сўи Тошканд пеш гирифтанду дар дашти Бўка ба худ ватан сохтанд, он Навобод ном гирифт. Аҷаб не вай ба шаҳри азиме табдил ёбад.

Ба ҳар ҳол авлодони ин марди ҷонфидои қавм баҳри он мекўшанд, ки диёри нав боз ҳам ободтар шавад, сокинонаш аз ин ҳам дар фаровонӣ умр ба сар баранд.

**Абдукарим ХИДИРОВ,**
**Ниёз НИЁЗОВ,**
**муаллимони мактаби рақами 9, ноҳияи Бўка.**

# Се мужда

## Заводи нав

Ба қарибӣ дар шаҳри Ангрен заводи асфалт ба кор афтиду кори роҳсозони Роҳи абрешим ва роҳсозони вилояти Фарғона рў ба беҳбудӣ ниҳод. То имрўз асфалтро ба роҳсозони зикршуда аз шаҳрҳои дури ҷумҳурӣ меоварданд. Хушбахтона заводи асфалти Ангрен ба роҳсозон хеле наздик буда, барои арзон афтидани роҳсозӣ имконият медиҳад. Дарояндаи наздик роҳҳое сохта мешавад, ки ба стандарти байналхалқӣ ҷавоб дода метавонад.

## Авҷи ғалладаравӣ

Дар хоҷагии «Деҳқонобод»-и ноҳияи Бўка ғалладаравӣ оғоз ёфт.

Дар хоҷагӣ 1030 гектар киштзори ғалла мавҷуд. Ин майдони ғаллазорро ба беш аз 170 пудрати оилавӣ тақсим карда дода буданд. Хоҷагӣ бо пудратчиён, чун одат, ҳар сол шартнома мебандад. Соли ҷорӣ ба ҳисоби миёна бояд ҳар пудрати оилавӣ аз ҳар гектар 40 сентнерӣ ғалла гиранд. Ҳосилнокии ҳар қитъаи замин ҳар хел. Махсусан, ғаллазори пудрати оилавии Фурқат Ҳидамов аз рўи гапи мутахассисон аз ҳар гектар беш аз 45 сентнерӣ ҳосил медиҳад. Ин гуна пудратчиён дар хоҷагӣ хеле бисёр. Ҳосилнокии ғалла, мегўянд мутахассисон, натиҷаи ба пудрати оилавӣ гузаштан аст.

## Дарси тарбияи ҷисмонӣ зиёд мешавад

Вазорати таълими халқ барои беҳтар кардани дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ дар мактабҳои миёна аҳамияти махсус дода, барои синфҳои якум, дуюму чорум ва панҷуму нўҳум китобҳои махсуси тарбияи ҷисмонӣ бароварданианд. Аз ин рў, минбаъд дар мактабҳои ҳамагонӣ шумораи дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ зина ба зина зиёд карда мешавад.

Аз тарафи дигар, ба хонандагон омўзгорони касбӣ, ё ки онҳое дарс медиҳанд, ки аз рўи ин ё он навъи спорт варзишгари дараҷаи якум, номзад ба устоди спорт, устоди спорти ҷумҳурӣ мебошанд.

Агар хонандагон аз овони хурдсолӣ ҷиддан бо варзиш машғул шаванд, ҷисман обутоб ёфта, омўхтани дигар фанҳо низ барояшон осон мегардад.

**Ғ.БЕКНАЗАРОВ.**

# Навидҳо аз Бухоро

## Ҷойҳои корӣ

Дар корхонаи шахсии «Азиза Азмиддин қизи»-и ноҳияи Бухоро, ки сару либоси занонаю мардона тайёр мекунад, боз барои 10 нафар ҷои кор пайдо шуд. Азбаски маҳсулоти корхона хушсифат аст, талаб барои он дар байни аҳолӣ торафт меафзояд.

—Корхонаи мо соли 1994 ташкил ёфта буд мегўяд,—устои сех Олия Нуруллоева.—Дар тўли ин солҳо маҳсулоти мо торафт бозоргир гашт.—Барои серталаб будани маҳсулоти мо торафт бозоргир гашт.—Боиси серталаб будани маҳсулоти мо дар он аст, ки мо нисбат ба дигар корхонаҳо маҳсулоти хушсифату арзон тайёр мекунем, мегўяд устои сех.

Чанде пеш боз 10 нафар кадбону ба кор қабул карда шуд, ки онҳо сирру асрори либосдўзиро азбар менамоянд.

## Ғолибон

Хоҷагии ширкатии заминҳои навкорами «Ўзбекистон» аз ноҳияи Қаравулбозор ба давлат 1300 тонна ғалла супурда, дар вилоят аз аввалинҳо шуда ўҳдадории шартномавиро пурра иҷро намуд. Ҳосилнокии ҳар гектар майдон ба ҳисоби миёна 32 сентнериро ташкил дод. Аз 740 гектар ғаллазор фақат ҳосили 400 гектар ҷамъ оварда шудаасту халос.

Аъзоёни бригадаҳои пудратии А.Рустамов, И.Қодиров, О.Тўраев ва Ч.Фатҳуллоев аз ҳар гектар то 42-46 сентнерӣ гандум ғундоштаанд.

## Синфхонаҳои компутерӣ

Аз соли нави хониш шумораи синфхонаҳои компутерӣ дар мактабҳои шаҳри Бухоро боз ба 2 адад зиёд мегардад. Яке аз онҳо мактаби рақами 17 мебошад, ки ба қарибӣ 40-солагии худро қайд кард. Дар мусобиқаҳои вилоятии «Мактаби беҳтарин» мактаби номбурда бо комлекси техникии компутерӣ мукофотонида шуда буд. Ба мактаби рақами 35 низ аз ҳисоби маблағи буҷавӣ чунин компутер дода шуд.

Алҳол дар ҳарду мактаб таъмири синфхонаҳое, ки компутер гузаронда мешавад, дар авҷ аст. Дар айни вақт муаллимон оиди техникаи компутерӣ малакаашонро мебардоранд.

**ОИ «Туркистон-пресс».**

Аз ҳаёт ва таҷрибаи деҳқонони асил

# Мероси падар ба писарон

Қудратбобо Исматовро дар қишлоқи Ёрқини ноҳияи Зафарободи вилояти Ҷиззах пири бодавлат меноманд. Ў аслан аз тоҷикони деҳаи Порашти ноҳияи Фориш буда қариб 35 сол боз дар ин ҷо бо деҳқонӣ машғул аст. Қудратбобо дар 200 гектар пахта кошта ҳосилнокиро то ба 45-50 сентнерӣ расонда буд. Аз соли 1976-ум сар карда писари калониаш Келдӣ Қудратов сардори бригадаи пахтакорӣ шуд. Дар ин муддат таҷрибаи бои падарашро ба кор андохта, ҳосилнокии пахтаро то ба 45 сентнерӣ расонид. Чор маротиба бо ордену медалҳо мукофотонида шудааст. Дар давоми 26 сол ягон маротиба Келдӣ Қудратов нақшаи пахтасупориро иҷро накарда намондааст. Келдӣ Қудратовро чор маротиба ба депутатии шўрои ноҳияи Зафаробод ва ду маротиба ба депутатии шўрои вилояти Ҷиззах интихоб намуданд. Келдӣ Қудратов ҳозир фермер буда 70 гектар замин дорад. Соли 1999 ҳосилдории пахтаро ба 44 сентнерӣ расонида, ҳосили гандумро аз ҳар гектар ба 60 сентнерӣ расонид. Ба ивази ин ба ў «Тико» мукофот доданд.

Дар соли 2000-ум дар майдони 35 гектар гандум корида ба ҷои 24 сентнерӣ 60 сентнерӣ гандум гирифт ва ба 35 гектар пахта корида нақшаи давлатиро ба 165 фоиз расонд. Он сол ҳукумати ҷумҳурӣ ўро бо ордени «Шўҳрат» сарфароз намуд. Соли 2001 ў ҳосилнокии пахта ва ғалларо дар ноҳияи Зафаробод аз ҳама баланд бурда, ғолиби мусобиқа эълон гардид. Дар натиҷа бо мошини «Дамас» тақдир намуданд. Президенти Ўзбекистон ба Келдӣ Қудратов ифтихорномаи махсус тақдим намуд. Соли 2002-ум низ ў ғолиби мусобиқаи деҳқонӣ эътироф ва бо телевизори ранга мукофотонида шуд.

Келдӣ шаш писар ва ду духтар дорад: Эргаш, Шокир, Қодир, Нормурод, Собирҳо механизатор ва оброн буда, Тоҷибой аптекачӣ мебошад. Ҳамаи фарзандон хонаободанд. Зани Келдӣ Қудратов то ба ҳозир дар саҳро вазифаи пазандагиро иҷро менамояд. Келдӣ таҷрибаи худашро ба додаронаш ҳам омўхт. Додари калониаш Алимуҳаммад низ фермер буда, 40 гектар замин дорад. Ў дар майдони 20 гектар пахта кошта 38 сентнерӣ пахта супорида нақшаи давлатиро 160 фоиз ба иҷро расонид. Дар 20 гектар ғалла кошта, ба ҷои 24 сентнерӣ, 50 сентнерӣ ғалла рўёнд. Додари хурдӣ Ҳамробой низ фермер буда, 16 гектар замин дорад. Дар 8 гектар пахта кошта ҳосилнокиро ба ҷои 24 сентнерӣ ба 40 сентнерӣ расонид. Дар 8 гектар гандум корида ҳосилнокиро ба 55 сентнерӣ дакка занонд. Ҳамаи ин муваффақиятҳои деҳқонӣ аз таҷрибаи падар, ки Қудратбобо Исматовро деҳқони номдор мегуфтанд ба фарзандонашон мерос гузоштаанд. Ҳа, Қудратбобо дар синни 87 бошанд ҳам, бо мошина ба саҳро рафта ба фарзандон маслиҳат медиҳанд. Ба ҳисоби Келдӣ Қудратов садҳо миллион сўм пули пахта ҳаст. Чунки Келдӣ бо мошина пахтаро як бор мечинад, ҳосили он аз 44-45 сентнер мегузарад.

Аҳли ширкати ба номи Охунбобоеви ноҳияи Зафарободи вилояти Ҷиззах бо ин оилаи деҳқонони пешқадам фахр мекунад.

Келдиака дар майдони калоне дарахти тут шинонданд. Ба пиллакорӣ низ эътибори калон медиҳанд. Дар назди бошишгоҳи саҳроии ин деҳқон, ки ҷои хуби дамгирист боғи зебои дарахтони мевадор ва току ангур мавҷуд аст. Дар ин боғи пурфайз якчанд бор ҷамъомадҳои деҳқонони вилоят шуда гузашт. Ҳамаи ин аз меҳнати ҳалоли фарзандони Қудратбобо Исматов далолат медиҳанд.

**Эргаш САИДОВ,**
**мухбири ҷамоатии «Овози тоҷик».**

# Писандида

Баъд аз саломи омӯзгор ҳама нишастанд. Пас ӯ аз чӣ гуна гузарондани таътили тобистонаи хонандагон бонавбат пурсон шуд. Омӯзгори нуктасанҷ сухани шогирдонашро як-як шунида, ба ваҷд меомад, ботинан меболид, ки ҷаҳонбинию фикру андешаҳои шогирдонаш то андозае вусъат ёфтааст. «Одамизод тадриҷан дар мактаби ҳаёт мегудохтааст»—аз дил мегузаронд Алпомиш Давлатзода. Ва фурсат нагузашта, ба тарафи хонандагон хитоб кард:

—Дарси имрӯзаамон такрори мавзӯъҳои соли гузашта. Аз ин хотир ман аз рӯи мавзӯъҳо мухтасар саволномаҳои тест тартиб додаам, ки шумо аз ин коғазпораҳои рӯи миз яктоӣ гирифта мустақилона ҷавоб тайёр хоҳед кард. Ба шумо 15 дақиқа вақт. Синфхонаро хомӯшӣ фаро гирифт. Хонандагон дар як вақт ба иҷрои ҷавоби саволҳо пардохтанд. Муаллим фурсатро ғанимат дониста, чанд мавзӯъро аз боби таътили тобистонаи хонандагон дар тахтаи синф навишт. Хонандагон пасупеш ҷавоби хаттии худро рӯи мизи кории омӯзгор мегузоштанд. Ҳамин ки муаллим «вақти ҷудокардашуда ба охир расид» гуфта буд, дусе хонандаи боқимонда низ бо тезӣ вараққои супоришро супурданд. Ва муаллим дар хотимаи дарс ба хонандагони қатори якум фармоиш дод, ки оид ба мавзӯи тарафи чапи тахтаи синф ва хонандагони қатори дуюм доир ба мавзӯи тарафи рост дар хона иншои озод нависанд...

...Оре, Алпомиш Давлатзода таҷрибаи 22- солаи омӯзгорӣ дорад. Ин ҷо салоҳ медонем, ки бигӯем—вақте ки тавассути саволномаҳои тест санҷиши савияи дониши хонандагон ба анъана табдил ёфт, махсусан омӯзгорони забон ва адабиёт дар тааҷҷуб буданд, чӣ хел нутқи хаттию шифоҳии хонандагонро санҷем?—мегуфтанд онҳо. Вале Алпомиш гиреҳи ин муамморо сари вақт кушода буд. Тавре ки дар сарсухан ба ҷараёни дарси яксоатаи ӯ таваҷҷӯҳ фармудем, бо роҳи саволҳои тест савияи дониш, тавассути иншо нутқи хаттӣ ва ба васила̄и пурсиши мазмуну ғояи асарҳои бадеӣ нутқи шифоҳии хонандагонро месанҷад. Ин усули корбасти омӯзгори номбурда қобили тарғибот аст.

Алпомиш Давлатзода соли 1957 дар хоҷагии ҷамоатии ба номи Ш.Раҳимови ноҳияи Сайҳунободи вилояти Сирдарё аз оилаи омӯзгор дида ба дунё кушодааст. Овони кӯдакиро дар оғӯши волидайн сипарӣ сохт ва ба синни мактабӣ расид. Аз ибтидо то интиҳо бо ахлоқи ҳамидаву дониши хубу аъло мактабро ба итмом расонд. Дар мактаб таҳсили илм, дар хона бошад, дар паноҳи падари омӯзгори собиқадораш Давлат Тӯхтаев дониши худро боз ҳам сайқал медод. Аҷаб нест, ки аз ҳамон дам дар дили Алпомиши ҷавон касби омӯзгорӣ маъво гирифта бошад. Ин маъниро Шайх Саъдии бузург чунин ба қалам додааст:

**Эй мубтадӣ, ту таҷриба з-омӯзгор гир,**
**З-он рӯй, ки бе таҷриба омӯзгор нест.**

Пас аз хатми мактаби рақами 38 деҳаи Синтаб ба факултаи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи омӯзгории Самарқанд дохил шуд ва ин маскани илмро низ бо дипломи имтиёзнок хатм намуд.

Инак, 22 сол аст, ки дар мактаби худ таҳсилкардааш бо шогирдон аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик сабақ медиҳад.

—То ба имрӯз ва дар оянда низ худомӯзӣ накунам,—мегӯяд Алпомиш,—ба назарам, ба хонандагон ҳамаҷониба фаҳмондани ин ё он мавзӯъ душвор аст. Дарвоқеъ Алпомиш ба маънии томаш омӯзгори эҷодкор аст. Китобҳои наву кӯҳна ва рӯзномаву маҷаллаҳои рӯзмарраро мутолиа мекунад. Ва худ низ аз ҳаёти даргузар ба ваҷд омада, хабару мақола ва очеркҳои ҷолиби диққат менависад. Аксари навиштаҳои ӯ дар рӯзномаҳои «Овози тоҷик», «Овози Самарқанд» ба табъ мерасанд. Қариб 15 сол аст, ки дар рӯзномаи «Нурнома» (рӯзномаи ноҳияи Нуратои вилояти Навоӣ), ки як саҳифаи он ба забони тоҷикӣ бо номи «Рангинкамон» нашр мешавад, ба ҳайси котиби масъул кор мекунад.

Бояд гуфт, ки вай ба осонӣ омӯзгори асил нашудааст. Ба ӯ пеш аз ҳама, чуноне ки дар боло ёдовар шудем, падари бузургвораш дасти ёрӣ дароз карда бошад, ба кори эҷодии ӯ бародараш, шоири шинохта Тӯхтамиш Тӯхтаев (Паймон) ҳамеша маслиҳатҳои муфид медиҳад. Хуллас, вай дар оилаи эҷодкор ба осонӣ пухт.

Алпомиш низ дар давоми фаъолияти омӯзгории худ тақдирҷунбони бисёр дастпарваронаш гардид. Ҳанӯз даҳҳо шогирди болаёқати ӯ дар ҷабҳаҳои мухталифи ҷомеа кору зиндагӣ мекунанд.

Усули кор, муносибат бо аҳли деҳа Алпомишро накӯном гардонд. Ин аст, ки вай ҳамчун омӯзгори пурдон ва тавонову эҷодкор вирди забони ҳамдеҳагонаш мебошад. Соҳиби чунин фазилатҳои неки одамӣ будани ӯст, ки вайро садри аксарияти тӯю сур ва дигар маъракаву тадбирҳои деҳааш таъин мекунанд. Мувофиқи мазмуну моҳияти маъракаҳо панду андарзҳои ҳакимонро бо оҳангу овози форам ва ҷолиб қироат мекунад. Сухан кам мегӯяд, вале бамаънӣ мегӯяд. Аз ҳаёти дирӯзу имрӯз ва аз донишҳои омӯхтааш нақл мекунад. Бештари онҳо ба ҷавонон, бешак, чун дастуруламал хизмат хоҳад расонд.

Алпомиш омӯзгори эҷодкор аст. Вай хуб медонад, ки савияи дониши хонандагонро аз фанҳои забон ва адабиёт бо кадом усул баланд бардорад. Баҳри амалӣ гардидани мақсадҳои волояш пайваста меомӯзаду меомӯзонад.

Алпомиш танҳо 45 соли баҳори умри хешро паси сар мекунад. Аз ин лиҳоз ин муаллими моҳир дар оянда боз садҳо шогирдонро ба роҳи дуруст ва некӣ ҳидоят хоҳад кард. Ба ӯ тани сиҳҳат ва комгориҳои ҳаёту фаъолият таманно намуда, бо байти зерини Шаҳриёр ба ин нигоштаи кӯчаки худ хотима медиҳем:

**Зи бӯсиданиҳои ин рӯзгор,**
**Яке ҳам бувад дасти омӯзгор.**

**Ғ.БЕКНАЗАРОВ.**

Тадқиқи адабӣ

# Эҳтироми Бобур нисбати адабиёти форсизабон

Яке аз хусусиятҳои ба худ хоси адабиёти Шарқ, алалхусус адабиёти форсизабон ва туркизабон аз он иборат аст, ки дар асарҳои насрӣ порчаҳои назмӣ низ мавриди истифода қарор гирифтааст. Намунаҳои беҳтарини инро мо дар адабиёти ҳинд, аз ҷумлаи «Панҷатантра», «Рамаяна», дар адабиёти форсизабон «Қиссаеул-анбиё», «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ, «Баҳористон»-и Абдураҳмони Ҷомӣ, «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Восифӣ ва чандин дигар асарҳо дида метавонем, ки ин анъана дар адабиёти туркизабон низ ҳамчун шарти асосии насри мумтоз қарор гирифтааст. Аз ҷумла, дар тамоми асарҳои насрии Алишери Навоӣ, Заҳириддини Бобур ва ҳатто дар давраи пеш аз Навоӣ низ ин услубро дида метавонем.

Ба назари мо мақсад аз дар дохили наср ҷойгир намудани намунаҳои назм пеш аз ҳама барои боз ҳам фаҳмо ва равшан намудани фикри муаллиф, ки дар наср онро ифода намудааст, иборат аст. Муаллифи ин гуна асарҳои насрӣ на танҳо аз намунаҳои беҳтарини асарҳои пеш аз худ, балки аз ашъори худ, ҳамзамононашон ҳам бо маҳорат истифода намудаанд. Аммо дар бештарини ҳол муаллифон намунаҳои назме, ки машҳур ва вирди забон гаштаанд, истифода менамоянд. Асарҳои насрие низ мавҷуданд, ки дар он намунаҳои назм бештар аз эҷодиёти худи муаллифи асари насрӣ оварда шудаанд ва бе муболиға гуфтан мумкин аст, ки ин натиҷаи хуби бадеиро касб намудааст. Масалан, дар асари «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Восифӣ ин ба дараҷаи услуби баланди бадеӣ расида, хусусияти ба худ хоси маҳорати муаллифро касб намудааст. Аммо дар асари «Ҳабибус-сияр»-и Ғиёсиддини Хондамир баробари истифодаи намунаҳои гуногун ва рангбаранги назмӣ аз ашъори шоирони гузашта ва ҳамзамонон Хондамир бештар асарҳои назмии худро мавриди истифода қарор додааст, ки ҳамеша ҳам ин услуб муваффақиятона ба амал наомадааст. Чунки, агар мо аз таркиби ин асари насрӣ — таърихи баъзе намунаҳои назмро, ки Хондамир овардааст, берун кунем, на ба мазмуни наср ва на ба моҳияти бадеии асар костагӣ нахоҳад овард.

Ин як тарафи масъала. Тарафи дуввуми он ин аст, ки муаллифи асари насрӣ бештар намунаҳои назмро аз асарҳои адибони машҳур, ки эҷодиёти онҳоро эҳтиром дорад ва писандидааст, ба асари худ ҷойгир менамояд. Ин пеш аз ҳама аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ин ё он шоири номдор барои адиби носир эҳтироми хос дорад.

Ҷиҳати саввуми масъала муайян намудани услуб, ифода, тафаккур ва тарзи баёни адиби носир аст. Зеро, адиби носир вақте ки китоби худро менависад, барои пурра намудани фикр, ба охир расонидани занҷири мантиқ ба порчаҳои назм муроҷиат менамояд. Ба кӯмаки кадом як байт, ҳатто мисраъ, баъзан рубоӣ, ғазал, матлаъ ва мақтаъ, ё порчаи назмии нисбатан калон муаллиф метавонад ин мақсади худро ба амал барорад. Вақте ки ин порчаи шеърӣ дар байни сатрҳои дилгиркунанда ва маҳзуни наср ҷойгир мешавад, гӯё ба олами мантиқ равшанӣ, ба чеҳраи муаллиф табассуми қаноатбахшона, ба дили хонандаи аз оҳанги якрангаи наср замзамаи мафтункунандаи назм фаро расида, ин фазоро хушнудӣ иваз менамояд. Аз ин сайри услубшиносии насри мумтоз, ки мо, Шумо хонандаи мӯҳтарамро каме шинос намудем, мақсад он аст, ки бо ҳамин роҳ ҳам мо бо услуби нависанда, ҷаҳонбинии он, тарзи ифода ва тафаккур, таъбир ҷоиз бошад, ба лабораторияи эҷодии адиб дохил мешавем, ки хеле муҳим аст. Мо дар асарҳои насрие, ки намунаҳои назмро дар дохили матн, онро пай мебарем, ки муаллифи ин асар то чӣ дараҷа ба эҷодиёти ин ва ё он адиб, шоир муносибат дорад, асари ӯро то чӣ андоза омӯхтааст. Ҳамаи ин роҳи бо силсила давом ёфтани робитаҳои адабӣ, муайян намудани услуби адибро медиҳад. Аз ин ҷиҳат, дида баромадани эҷодиёти олими бузурги ӯзбек, муаллифи асари барҷастаи «Бобурнома» Заҳириддин Муҳаммад Бобур, ки имсол ба таваллуди ӯ 520 сол шудааст ва ин асар ба бештар аз 30 забони дунё тарҷима шудааст, аз аҳамият холӣ нест.

«Бобурнома» яке аз асарҳоест, ки на танҳо дар адабиёти туркизабон, балки дар тамоми адабиёти Шарқ мақоми ба худ хос дорад. Дар ин асар муаллиф бештар аз 30 соҳаи фан сухан меронад. Хонандаи ин асар аз дараҷаи дониши Заҳириддин Бобур ба ҳайрат меафтад, аз ростбаёнӣ, ки ин хусусияти беҳтарини на танҳо муаллиф, балки худи ин асарро ҳам дорад, воқиф мегардад. Бе муҳобот гуфтан мумкин аст, ки Бобур дар байни темуриён шахсест, ки таърихи мардуми Мовароуннаҳр, Хуросон ва Ҳиндустонро, ки дар нимаи дуввуми асри XV ва нимаи аввали асри XVI ба вуқӯъ омадааст, бо мисолҳои аслии таърихӣ, саргузаштҳои завқовари худи муаллиф ва атрофиёнаш, бо завқи калон ҳикоя намудааст. Дар асар оид ба бештар аз 1500 шахс маълумот оварда шудааст, ки қимматии онро ба дараҷае баланд мебардорад. Агар асари «Ҷанг ва сулҳ»-и Лев Толстой дорои 500 қаҳрамон буданашро ба инобат гирем, дараҷаи таърихӣ, адабӣ ва бадеии «Бобурнома»-ро тасаввур кардан мушкил нест.

Дар «Бобурнома» низ, чи тавре, ки дар боло зикр гардид, намунаҳои назм ҷойгир шудаанд. Ногуфта намонад, ки Заҳириддин Бобур дар ин асари насрии худ нисбатан ба ҳамзамононаш, чун Абдураззоқ Самарқандӣ («Матлаи саъдайн ва маҷмаъи баҳрайн»), Зайниддин Восифӣ («Бадоеъ-ул вақоеъ»), Ғиёсиддин Хондамир («Ҳабибус-сияр») ва ғайра намунаҳои назмиро камтар, бо эҳтиёт, дар мавриди худ истифода менамояд. Гуфтан мумкин аст, ки қариб дар ҳамаи ҳолат Бобур ба натиҷаи хуб ноил гаштааст. Бештар вай ба адабиёти форсизабон, алалхусус ба эҷодиёти шоирони машҳур Абдураҳмони Саъдӣ, Ҳофиз Шерозӣ ва дигарон муроҷиат намуда, бо ин шеършиносии худро низ нишон додааст. Зеро ҳар байт, мисраъ, рубоие, ки ӯ барои ривоҷи фикри худ меоварад, хеле арзанда буда бо мантиқи порчаи насрии ӯ мувофиқ аст. Ба мисолҳо муроҷиат менамоем. Дар «Бобурнома» муаллиф ба шахсияти Боқӣ Чағониёнӣ беш аз 20 дафъа муроҷиат намудааст. Вай дар тамоми тӯли зиндагии худ то имкон дошт бо Бобур ва атрофиён бад муомила кардааст, нисбат ба гуфти Бобур дувоздаҳ маротиба хилофи ваъдаи худ ҳаракат намуда, худро бадном сохтааст. Чи тавре, ки Бобур тасвир менамояд, вай (хасис ва ҳасадхӯр ва бадандарун (дилсиёҳ) ва нотавонбин ва каҷхулқ касе буд). Ҳаракатҳои ношоистаи ин мард то дараҷае мерасад, ки Бобур ноилоҷ ӯро аз қаламрави худ сӯи Ҳиндустон бадарға менамояд. Бо вуҷуди он ки вай нисбати Бобур хиёнатҳои беҳисобро раво дидааст, Бобур ба Боқӣ Чағониёнӣ сарвати бисёр, молу ҳол дода, гусел менамояд. Чӣ тавре ки Бобур ҳикоя менамояд, нисбати хости худованд вай дар мулки афғон ба роҳзанони афғонӣ, ба мисли Дилайзоӣ ва Юсуф рост меояд ва онҳо аз сафари Боқӣ хабардор гашта, тамоми мол ва мулки ӯро кашида мегиранд ва худи ӯро ба қатл мерасонанд. Бобур дар «Бобурнома» менависад: «Агарчи мо ба Боқӣ ҳеҷ гуна бадиро раво надидем ва рухсаташ намудем, аммо бадиҳои вай ғолиби худ омада, ба ин гуна амал гирифтор гардид». Бобур ин суханони худро бо наср ифода намуда, байти зерини Саъдии Шерозиро меоварад ва гуфтаҳои худро бо ин байт мустаҳкам менамояд, сайқал медиҳад:

**Ту бадкунандаи худро ба рӯзгор супор,**
**Ки рӯзгор туро чокарест кинагузор».**

Чӣ Тавре, ки мебинем, сюжети аз тарафи Бобур дода шуда, ки дар «Бобурнома» омадааст, мазмунан дар байти Саъдии Шерозӣ омадааст. Овардани ин байт аз тарафи Бобур онро гувоҳӣ медиҳад, ки вай аз адабиёти форсизабон, алалхусус эҷодиёти Шайх Саъдӣ хеле хабардор аст ва дар мавриди зарур аз вай хеле моҳирона истифода намудааст. Вақте ки мо «Бобурнома»-ро мутолиа менамоем, гувоҳи он мегардем, ки муаллиф аксаран барои исботи фикри худ аз назми Саъдии Шерозӣ, алалхусус «Гулистон»-и ӯ истифода менамояд. Албатта, ин асари Саъдии бузург аз ҳар ҷиҳат шоистаи гирифтани дарси ибрати зиндагӣ, манобеи беҳтарини тарбияи ахлоқӣ аст, ки ба исботи он ҳоҷат нест. Аммо омӯхтани таъсири ин асар ба адабиёти Шарқ ҳоло ҳам ба назари мо зарурат дорад. Масалан, муносибати Бобур ба эҷодиёти Саъдӣ ҳоло на танҳо тадқиқ нагардидааст, балки ба назари мо сухани шоистае ба забон гирифта нашудааст.

Барои исботи фикр аз «Бобурнома» як мисоли дигар меорем. Вақте ки Бобур раҳсипори Ҳиндустон мегардад, дар роҳ бо чандин саркардаҳои афғон ва ҳинду ҷангида, паи ҳам ғолиб омада, ба қӯрғоне, ки соҳибихтиери он Ғозихон ном шахс буд, мерасад. Чун дохили қӯрғон мегардад дар он ҷо тамоми зан, духтар ва бачагони аҳли садр ва худи аҳлу аёли Ғозихонро дида, ангушти ҳайрат мегазад ва мегӯяд: «Мо Ғозихонро дар дохили қӯрғон тасаввур менамудем, он марди беҳамият ва номард тамоми дӯст ва бародарон, модар ва аҳли аёлашро, хоҳаронро ба Малӯт (номи он маҳал— Ҳ. Қ.) гузошта, ҳамроҳи кадоме ба кӯҳ гурехтааст».

Аслан ин гуна ташаккулёбии афкори адибон ва баҳрамандӣ аз эҷодиёти ҳамдигар дар адабиёти бисёр кишвар ва миллат низ дида мешавад. Масалан, дар давраи зисти Навоӣ аз эҷодиёти ӯ чандин шоирони форсизабон истифода бурдаанд, роҳи санъати бадеии ӯро гирифтаанд. Айнан ҳамин роҳи ривоҷ ёфтани адабиёт аст.

Аз асарҳои ба мо расидаи Бобур пай бурдан мумкин аст, ки адиб дар тамоми рафти эҷодиёти худ ба назми форсӣ муроҷиат намудааст. Ин ҷиҳат махсусан дар мактубҳои Заҳириддин Муҳаммад Бобур, ки ба фарзандони худ Ҳумоюн ва Компон навишта шудаанд, бештар ба назар мерасад. Зеро дар асарҳои Саъдӣ, Ҷомӣ, Ҳофиз ва дигарон мавзӯи тарбияи инсон, алалхусус ҷавонон хеле бо нафосати баланд ба чашм мерасад. Аз ин ҷиҳат Бобур барои исботи фикри худ, барои қувват бахшидан ба тарбияи фарзандони худ ба байтҳои санъаткорона офаридашудаи намояндагони адабиёти суннатии форсӣ муроҷиат менамояд.

(Давомаш дар саҳ.4)



***Вилояти Бухоро.*** *Ходимони шӯъбаи шиносномадиҳии корҳои дохилии ноҳияи Ҷондор бо шӯъбаи таълими халқи ноҳия ҳамкориро ба роҳ монда, зуд-зуд дар назди хонандагони мактабҳо шуда, барои тарбия намудани насли наврас дар рӯҳи ватанпарварӣ ҳиссаи худро мегузоранд. Ба хатмкунандагони мактабҳо шиносномаҳои навро месупоранд.*

***Дар акс:*** *сардори шӯъбаи шиносномадиҳӣ капитани милитсия* ***Мирҷон Раҳмонов*** *ба хонандагони синфи XI-и мактаби миёнаи рақами 46 ноҳия шиносномаи навро месупорад.*

**Аксбардор: З. ҚУРБОНОВА.**

# «Гирдоби марг»

## (Андешаҳо перомуни як намоишнома)

Ин намоишнома бо садои ваҳмангези зангӯла оғоз гардида, касро аз омад-омади як хатари ҷиддӣ ва ё ба вуқӯъ пайвастани як ҳодисаи ғайриҷашмдошт огоҳ месозад. Дар лаҳазоти нахуст гумон мекунед, ки ин садои маъмулии зангӯлаи ягон куништ (калисо ё худ серков) аст. Ин садоро мо дар синамои шӯравӣ ва намоишҳои театрии он замон бештар мешунидем. Аммо садои зангӯлае, ки дар намоишномаи «Гирдоби марг» мавриди истифода қарор гирифтааст, бонги хатарро мемонад. Сипас бо ин садои ваҳмангез ғурриши чархболҳо ба гӯш мерасанд. Дар саҳна манзараи кӯҳистон падид меояд, ки дар бағал як деҳаи зебое дорад. Ҳаракатҳои тезу тунди низомиён ва маслиҳату машварати генералҳо... ҳама аз оғози задухӯрди нерӯҳои мусаллаҳ дарак медиҳанд... Ҳамчунин садои бонгмонанди зангӯла, ки воқеан дар замир бонги хатар дорад, такрор меёбад.

Воқеан, ки ин намоишнома фаро гирифтааст, маъмуливу муқаррарӣ нест, балки воқеаест, ки имрӯз саросари ҷаҳонро ба ларза даровардааст —зуҳури терроризм ва даҳшатафканӣ, воқеоти марбути ин равияи наҳсовар, ки билохира соя дар ҳастии кунунии башарият андохта, кулли мардуми мамолики ҷаҳони имрӯзаро сари як мақсад —мубориза алайҳи ин бадкешон ҳамфикр сохтааст. Ва ғолибан садои ваҳмангези зангӯла низ тасодуфӣ набуда, балки як рамзест, ки коргардони намоишномаи «Гирдоби марг» ба ин васила гӯиё мардуми тамоми ҷаҳонро аз хоби гарон бедор кардан мехоҳад, онҳоро аз таҳдиди як хатари ҷиддӣ — терроризм огоҳ карданист. «Намоишномаи «Гирдоби марг» аз ҷониби ҳунармандони театри драмавӣ ва мусиқии ба номи Маннон Уйғури шаҳри Тирмиз рӯйи саҳна омада, азбаски мавзӯи рӯзро фаро гирифтааст, аз тарафи мақомоти расмӣ ҷонибдорӣ гардид ва ҳам писанди тамошобинони оддӣ шуд. Намоишнома бо салиқаи баланд ва ҳунари фарогире рӯйи саҳна омадааст.

«Гирдоби марг» ба қалами полковники мустаъфии Шӯъбаи умури дохилаи вилояти Сурхондарё Муҳаммадҷон Бобоев мутааллиқ аст ва коргардони намоишномаи мазкур ҷавони боғайрат Турғунпӯлод Йӯлдошев мебошад, ки таҳти роҳбарии Ходими шоистаи санъати Ӯзбекистон Мансур Равшанов ба офаридани ин асар муваффақ гардидааст.

Қобили зикр аст, ки дар натиҷаи борҳо ба саҳна гузошта шудан намоишнома такмил ёфта, ҳар дафъа тағйироте ворид гардидааст ва дар фарҷом як асари тому мукаммал шудааст. «Гирдоби марг» то ба имрӯз зиёда аз сад маротиба рӯйи саҳнаро дидааст. Ба қарибӣ дар «Сарҳисоб» ном озмуни ҷумҳуриявии байни театрҳо ба гирифтани ҷойи якум мушарраф гардид ва Вазорати фарҳанги Ӯзбекистон сертификати худро супорид. Ин маънои онро дорад, ки намоишномаи «Гирдоби марг» дар марказҳои тамоми вилоятҳои ҷумҳурӣ ба саҳна гузошта хоҳад шуд.

Театри мусиқӣ ва драмавии ба номи Маннон Уйғури шаҳри Тирмиз ба сафари ҳунарӣ баромада, чор намоиш дар театри академии миллии ӯзбек дар шаҳри Тошканд гузошт. Хароҷоти сафарро идораи «Ӯзбекистон» ба зимма гирифтааст. Гуфтан ҷоиз аст, ки дар тӯли дувоздаҳ соли истиқлолияти Ӯзбекистон ягон намоишномаи театрӣ ба чунин тартиб ба сайри саросари кишвар набаромадааст. Дарвоқеъ «Гирдоби марг» як намоишномаи аз ҷиҳати банду баст, мазмун ва ҳунари офариниши образҳои амалкунанда пухтаву ба як маънӣ, шоистаи таърифу тавсиф аст.

Воқеае, ки намоишномаи мазкур фаро гирифта, дар кӯҳистони навоҳии Узуну Сариосиё тобистони 2000 ба амал омадааст. Ворид гардидани террористон ба деҳоти дараи Ниҳон ва чораҳои фаврии поксозиро ба роҳ андохтани мақомоти низомӣ, гаравгон гирифтани бархе аз аҳолии бумӣ (таҳҷоӣ) аз ҷониби террористон ва набардҳои байниҳамдигарии онҳо, дар интиҳо ҳам аз ҷиҳати равонӣ, ҳам аз ҷиҳати ҷисмонӣ таслим гардидани террористон бо салиқаи баланд тасвир гардидааст. Террористон дар як мазори пок ва ё зиёратгоҳи муқаддасе нишеман гирифтаанд, ки нерӯҳои низомӣ наметавонанд ин масканро ба коми оташ биспоранд. Аҳолии деҳаи кӯҳистон ба таври оҷил ба ҳамвориҳо кӯчонда мешаванд. Аммо як мӯйсафед бо кампири худ дар деҳа паноҳ мебаранд ва орзуи ягонаи онҳо дар ҳамин ҷой умри боқимондаи хешро сипарӣ намуда, хок шудан аст. Меҳри зодгоҳ намегузорад, ки онҳо ватани худро партофта бираванд...

Образи мӯйсафедро дар намоишномаи «Гирдоби марг» ҳунарманди варзида офарида. Ин ҳунармандон нақшҳои худро хеле табиӣ ва бо маҳорати баланд иҷро кардаанд. Дар симои мӯйсафед Ватан, қудрати бепоёни он, якравӣ ва сарбаландии марди кӯҳистонӣ, ки самимияту эҳсоси саршори ватанхоҳиву инсондӯстӣ дар замири вай ҷӯш мезанад, таҷассум ёфтааст. Вай гарчанд саводи казоӣ надорад, соҳиби таҷрибаи бойи ҳаётӣ аст, рӯзгор ӯро андарзҳои зиёде омӯзонда. Дар тимсоли кампир раҳму шафқат ва меҳрубониҳои Модар таҷассум ёфта, кушта шудани ҳатто чанд нафар террорист (охир онҳо зодаи Модаранд) кампирро мутаассир месозад ва ба онҳо фарзандонам гӯён муроҷиат мекунад, дар дами марг ба онҳо об медиҳад, афсӯс меҳӯрад, ки чунин писарони ҷавону ҳузарб дар пайраҳаи зиндагӣ раҳгум зада, оқибат ба гирдоби бало гирифтор шудаанд. Аммо мӯйсафед қавли қатъӣ ва раъйи шикастанопазир дошта, чунин хоинон ва силоҳбадастони тахрибкорро, ки ба ҷони башарият хавфи таҳдид эҷод кардаанд, бо нафрат рад менамояд ва кампири худро сарзаниш мекунад, ки ин ҷавонмардони беномуси бар сари модару падари худ силоҳ бардоштаро чаро фарзандам ё писарам мегӯяд.

Муколамаи байни террористон ва мӯйсафеду кампираш, ки дар як вақт ба дасти он нобакорон афтодаанд, хеле таъсирбахш ва ибратангез омадааст. Бек —террорист мӯйсафедеро ба он муттаҳам кардан мехоҳад, ки вай аз дини ислом дифоъ намекунад ва ҳатто қатори мардуми дигар ақаллан деҳаро тарк намегӯяд. Ба ватанаш, ба дини ислом ва ба корҳои мусулмонободии онҳо дилаш намесӯзад. Мӯйсафед ба ғазаб омада чунин мегӯяд: — Ту, эй беномус, лоиқи мусулмонӣ нестӣ. Синаи маро пора куну бин, ки чӣ тавр меҳри Ватан ба ҷӯш омада!

Нақши Бекро Чоршанбӣ Чориев иҷро кардааст ва нақши террористи роҳгумзада — Юсуфро Абдуназар Худойназаров офаридааст.

«Гирдоби марг» бо пирӯзии мӯйсафеди кӯҳистонӣ аз болои террористон (вай террористонро бо асои худ зада, ба марг мувоҷеҳ месозад) ба поён мерасад. Боз садои зангӯла баланд мешавад ва гӯё аҳли оламро аз хавфи таҳдиди терроризм огоҳ месозад.

**Шарофи ХАЛИЛ,**
**хабарнигори «Садои Сурхон».**
**Нуралии РАҶАБ,**
**паёмнигори «Овози тоҷик».**

# Набзи Тоҷикистон

### Президенти Тоҷикистон ба Эрон сафар кард

Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов бо сафари расмӣ ба Теҳрон рафт. Ҳангоми ин сафар Муоҳидаи дуҷонибаи ҳамкорӣ, ки муносибатҳои Тоҷикистон ва Эронро оид ба сиёсат, иқтисод ва фарҳанг дар бар мегирад, ба имзо расид. Дар ин ҳуҷҷат идома додани гуфтушунидҳо дар бобати мушкилоти минтақавӣ ва байналхалқӣ, ҳамчунин муҳимияти амиқ гардондани ҳамкорӣ дар мубориза ба муқобили терроризм ва паҳн шудани маводи нашъамандӣ қайд гардидаанд. Ҷонибҳо аз хусуси инкишоф додани ҳамкорӣ, қабл аз ҳама дар соҳаи коммуникатсия, боркашонии нақлиётӣ бо роҳи «Шимол - Ҷануб» ва ба василаи қаламрави Афғонистон изҳори ақида намуданд. Аз сатҳи ҳамкории оид ба ҷабҳаи фарҳанг қаноатмандӣ изҳор шуд ва зарурияти боз ҳам инкишоф додани он бо назардошти ягонагии забон, фарҳанг ва дини мардуми ду кишвар зикр гардид.

### Президенти ҶТ вазири Афғонистонро пазируфт

Президенти Ҷумҳурияти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов вазири маорифи Афғонистон Муҳаммад Юнус Қонуниро пазируфт. Ҷонибҳо дар чаҳорчӯбаи анъанавии сӯҳбатҳои сиёсии байнидавлатӣ масъалаҳои муносибатҳои дуҷониба, ба амал ҷорӣ намудани нақшаҳои якҷояи бунёди Афғонистони пас аз ҷанг ва дигар муаммоҳоро, ки ба онҳо ҳар ду тараф ҳусни таваҷҷӯҳ доранд, муҳокима карданд. Яке аз мавзӯъҳои маркаэие, ки ба он эътибори алоҳида дода шуд, маҷмӯи масъалаҳои таҳкими асосҳои раванди сулҳхоҳонаи Афғонистон, бо муваффақият ба охир расондани он ва нақши давлатҳои ҳамҷавору ҳамҷамъияти ҷаҳон дар ин кор буд.

### Муоҳида тасдиқ гардид

Депутатҳои палатаи поёни парлумони Тоҷикистон муоҳидаи байниҳукуматиро «Дар бобати ба тартиб андохтани қарзи Тоҷикистон оид ба вомҳои давлатӣ, ки Русия дар ҳудуди 298,7 млн доллари Амрико додааст» тасдиқ намуданд. Бино ба маълумоти хизмати матбуоти парлумон ин муоҳида дар байни мамлакатҳо моҳи декабри соли 2002 ба имзо расида буд. Тоҷикистон ӯҳдадор шуд, ки ба Русия ҳар сол 18 млн доллари Амрико медиҳад. Додани вом аз соли 2005 то соли 2018 идома меёбад, давраи имтиёз се солро ташкил медиҳад.

### Кӯмак ба зарардидагон

Ба фурудгоҳи Хуҷанд самолёти ИЛ -76, ки ба Вазорати хизматҳои фавқулоддаи Русия тобеъ аст, фуруд омад. Дар бордони он чизу чораҳое буданд, ки ба аз обхезӣ осебдидагони ноҳияи Панҷакент заруранд. Аз ҷумла 234 хиргоҳ (палатка), ки ба онҳо сокинони ноҳияи номбурда эҳтиёҷи бештаре доштанд, расид. Бинобар фикри афсари калони департаменти пуштбонии федералии қаламрави ВХФ - и Русия Константин Мартаненко қимати бори расида 300000 доллари ИМА, ё худ зиёда аз 9 миллион рубли Русияро ташкил медиҳад. Вазорати мазкури Русия чунин кӯмакҳоро ба Тоҷикистон дар солҳои 2001 ва 2002 ҳам расонида буд. Дар маросими супурдани бор ба ҷониби Тоҷикистон консули генералии Русия дар Хуҷанд Александр Кришко ҳузур дошт.

### Ҷопон ба инкишофи маорифи Тоҷикистон мадад мерасонад

Сафорати Ҷопон дар Тоҷикистон ду грант —қарордодро оиди ба муассисаҳои таълими ҳамагонии вилояти Суғд расонда додани таҷҳизоти мактабӣ имзо кард. Бино бар он ду мактаби Хуҷанд соҳиби бист адад компутер, ду принтер ва зиёда аз панҷсад мизу курсиҳои талабанишин шуданд. Ин кӯмакро ба муассисаҳои таълими ҳамагонии Тоҷикистон ҳукумати Ҷопон дар чаҳорчӯбаи имдоди беподош дар бобати ба амал ҷорӣ намудани лоиҳаҳои иҷтимоии микёсан кӯчак амалӣ менамояд. Ҳукумати Ҷопон аз рӯзи кушодани сафоратхонаи худ дар Тоҷикистон аллакай панҷоҳ лоиҳаро ба маблағи зиёда аз ду миллион доллар пуштбонӣ намуд.

Кӯмаки ин дафъаина ба маърифатгоҳҳои рақамҳои 13 ва 21 маркази идоравии Тоҷикистони Шимолӣ расонида шуд. Чунон ки котиби дуюми сафоратхонаи Ҷопон дар Ҷумҳурияти Тоҷикистон Фуджи Хироюки дар маросими ба имзо расондани грант -қарордод изҳор дошт, ҳукумати Ҷопон минбаъд низ ба рушди низоми маорифи Тоҷикистон саҳмгузор хоҳад шуд.

### ИМА ба беморхонаҳои вилояти Суғд кӯмаки тиббӣ мерасонад

Ба Хуҷанд аз ИМА таҷҳизоти зиёди тиббӣ ва дорувор расонда шуд. Сафири томулихтиёри ИМА дар Тоҷикистон Франклин Ҳаддл барои тақдими бори мазкур ба вилояти Суғд омад. Дорувор ба муассисаҳои тиббии ноҳия ва шаҳрҳои вилоят фиристода мешавад. Кӯмак бо роҳи лоиҳаи ХОУП («Умед»), ки аз ҷониби ширкатҳои дорусозии Амрико дастгирӣ ва аз тариқи ҳукумати Иёлоти Муттаҳида бо маблағ фаро гирифта мешавад, ба вилояти Суғд расид. Лоиҳаи номбурда соли 1958 таъсис ёфтааст ва фаъолияти худро дар Тоҷикистон соли 1992 оғоз карда буд. Имсол кӯмаки башардӯстона бори дуюм расонида шуд. Аз имконоти фароҳамомада истифода бурда, сафири ИМА дар Тоҷикистон Франклин Ҳаддл барои журналистони ватанӣ ва хориҷие, ки дар Тоҷикистон ба қайд гирифта шудаанд, нишасти матбуотӣ доир намуд. Сафир аз хусуси ҳамкории амрикоиву тоҷикистонӣ ҳарф зада, аз ҷумла зикр сохт, ки сафоратхонаи ИМА ба рушди расонаҳои ахбори оммавии Тоҷикистон эътибори ҷиддӣ медиҳад. Чунончи, аз ҷониби Бунёди рушди демократия дар соли ҷорӣ барои телевизиони шаҳрҳои Исфара ва Панҷакент грантҳо ҷудо карда шудаанд, масъалаҳои аз ҷиҳати молиявӣ дастгирӣ намудани рӯзномаи «Суғд» ва телевизиони шаҳри Конибодом ҳаллу фасл мегарданд.

### 10 миллион доллар ба муборизаи зидди нашъа

Дар байни Тоҷикистон ва СММ дар бобати ба амал ҷорӣ намудани се лоиҳае, ки ба пурзӯр гардондани фаъолияти мақомоти ҳуқуқу тартиботи Ҷумҳурии Тоҷикистон бар мубориза бо нашъаҷаллобон равона карда шудаанд, муоҳида ба даст омад. Қимати умумии лоиҳаҳо 10 млн. долларро ташкил медиҳад. Тақрибан 2 миллиони онро СММ ба ҷумҳурият дар ду соли аввали амалӣ сохтани лоиҳаҳо расонда медиҳад, қисми боқимонда дар тӯли се соли дигар расонда хоҳад шуд.

### Чораҳои қатъӣ садди матбуоти ВУД намешаванд

Навъе, ки аз маркази матбуоти ВУД иттилоъ доданд, танҳо гурӯҳҳои очили Раёсати мубориза бо савдои ғайриқонунии нашъаи Вазорати умури дохилии Тоҷикистон дар ҳафтаи гузашта 26 амалиёти ғайриқонунии мубодилаи нашъаро ошкор намуданд. Аз болои 24 ҳолат парвандаи ҷиноӣ кушода шудааст. Умуман то имрӯз 203 килограмм нашъа мусодира шуд, ки 197 килои он ҳероин аст. Кормандони ВУД Тоҷикистон дар чорчӯбаи «Нашъа — 2003» беш аз 1300 ниҳоли нашъаи мадҳушкунандаро несту нобуд намуданд.

### Театри Хуҷанд соҳиби Гран -при

Гурӯҳи театри мусиқӣ -мазҳакавии ба номи Камоли Хуҷандии Хуҷанд дар озмуни ҷумҳурии «Парасту -2003», ки дар Душанбе баргузор гардид, барандаи «Гран -при» шуд. Театр ба муҳокимаи ҳайати ҳакамҳо намоишномаи «Абдуи Хуҷандӣ -ро пешкаш намуд. Намоишномаро коргардон Барзу Абдураззоқов таҳия кардааст. Бинобар ҷамъбасти озмун ҷои аввалро театри мусиқӣ — мазҳакавии ба номи Меҳрубон Назарови шаҳри Хоруғ гирифт. Ҷойҳои баъдӣ насиби театрҳои академии драмавии ба номи Лоҳутӣ ва театри «Аҳорун», ҳамчунин театри ҷавонони ба номи М. Воҳидов гардиданд.

**ОИ «Варорӯд»— «Туркистон-пресс».**

